# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ақризоев Мақсуд Махрамбекович дар мавзӯи «Алексей Алексеевич Бобринской-муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон», барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.02.0303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои тадқиқоти таърихӣ. Хоруғ, 2022.**

Мубрам будани кори диссертатсионии Ақризоев Мақсуд Маҳрамбекович дар он аст, ки вай бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ фаъолияти мардумшиноси рус-граф А.А. Бобринской ва маълумоти беш аз 120 сол пеш гирдовардаи ӯро аз ҳаёти точикони кӯҳистони Зарафшон, Қаротегину Дарвоз ва Помирро якбора дар се самт: дар соҳаи мардумшиносӣ, антропология ва чуғрофияро дар доираи як диссертатсия мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст, ки ба назари банда ин кор аввалин кӯшиш дар ин самт хоҳад буд.

Мақсади таҳқиқот аз таҳқиқи фаъолияти илмии А.А. Бобринской дар Кӯҳистони Бадахшон ва муайян намудани аҳамияти илмии осори аъзои экспедитсия барои илми таърих ва этнографияи точик иборат мебошад.

Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқоти мазкур бой буда, дар рафти навиштани рисола сарчашмаҳои зиёд, инчунин аз маводу маълумоти илмии граф А.А. Бобринской оид ба Помир, мақолаҳо ва китобҳои ӯ оид ба таъриху этнографияи мардуми кӯҳистон ва ҳайати экспедитсияҳои ӯ; асарҳои муҳаққиқони то инқилобии рус, аз чумла низомиён, мардумшиносон ва ғ.; - маводи матбуоти даврии империяи Россия, аз чумла – Туркестанские ведомости, - Русский антропологический журнал, - Известия Русского географического общества, - Мир Ислама, - Известия Туркестанского отдела Русского географического общества, - Этнографическое обозрение ва ғайра; - инчунин маълумоти ҳангоми таҳқиқоти саҳрой чамъоварӣ намудаи муаллифи диссертатсия истифода гардидаанд.

Навоварии диссертатсия номбурда дар он ифода мешавад, ки дар он бори аввал ба таври мукамал тамоми самтҳои фаъолияти илмии граф А.А. Бобринской ва ҳадафи таҳқиқотҳои саҳрой чамъоварӣ намудани муаллифи диссертатсия истифода гардидаанд.

Дар рисола инчунин хусусияти мачмӯи экспедитсияҳои А.А. Бобринской таҳлил гардида, бори аввал маълумоти граф А.А. Бобринской бо маълумоти олимони Ғарб, ки дар ҳамон давра аз Помир дидан намуда буданд, муқоиса карда мешавад. Ҳамчунин дар диссертатсия хулосаҳо ва ақидаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба фаъолияти граф А.А. Бобринской чамъоварӣ шудаанд, ки нахустин иқдом дар шиносии бештар бо шахсият ба осори А.А. Бобринской маҳсуб мешавад.

Қиммат ва аҳамияти ин рисола дар он аст, ки он ҳамчун маводи таҳқиқотӣ ва сарчашмаи илмӣ барои донишчӯён, олимон ва муҳаққиқони соҳаи таърих ва этнография хизмат хоҳад кард.

Илова бар ин маълумотњои дар рисола ҷамъовардашуда ҳамчун методологияи таҳқиқотҳои минбаъдаи олимони соҳаи таърих ва этнографияро роҳнамоӣ менамоянд. Натиҷаи таҳқиқотро дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик, маъхазшиносӣ, мардумшиносӣ ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик метавон мавриди истифода қарор дод.

Бар асоси далоили болоӣ метавон гуфт, ки мавзуи интихобшудаи муаллиф то ҳоло чун объекти алоҳида мавриди таҳлили илмӣ дар илми таърихшиносии ватанӣ қарор нагирифтааст.

Хулосаҳои диссертатсия фаҳмо буда, муаллиф барои пешрафти соҳаи таъриху этнография ва омӯзиши минбаъдаи он пешниҳодҳои зеринро манзур менамояд: - осорхонаи ин олим дар яке аз минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон кушода шавад; - хатсайри кӯҳии экспедитсияи граф А.А. Бобринской тартиб дода шуда, он ба истифодаи сайёҳон пешниҳод карда шавад; - миёни донишгоҳо, марказҳои илмӣ, олимони Тоҷикистон ва олимону марказҳои илмии Россия омӯзиши минбаъдаи фаъолият ва мероси илмии А.А. Бобринской бояд ба роҳ монда шавад.

Автореферат пурра моҳияти диссертатсияро фаро гирифта метавонад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки диссертатсия дар мавзуи Алексей Алексеевич Бобринской-муҳаққиқи таърих ва этнографияи Кӯҳистони Бадахшон» ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Акризоев Мақсуд Маҳрамбекович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D.02.0303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои таърих, профессор,**
**муаллими кафедраи таърихи умумӣ**
**ва диншиносии Донишгоҳи давлатии**
**Хоруғ ба номи М.Назаршоев** **Ҳоҷибеков Элбон**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 736100, ш. Хоруғ, хиёбони Ш.Шотемур 109**
**телефон: (+992) 93 501 19 55**
**E-mail:elbon_hojibek@rambler.ru**

**Имзои профессор Элбон Ҳоҷибековро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ**
**ба номи М.Назаршоев** **Саидраҳмонов Н.С.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ ба номи М. НАЗАРШОЕВ РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

17.11.2022